# СОАТЕ АНДЕША БЕҲТАР АЗ УМРЕ ПУШАЙМОНӢ:

Ё андешае перомуни баргардонидани оилаҳои гуреза ба кишвар

Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои муаззами миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, гурӯҳи дуюми шаҳрвандони Тоҷикистон бо теъдоди 104 нафар (29 оила), ки аз занон, наврасон ва тифлони хурдсол иборатанд, ба ватан баргардонида шуданд. Мушоҳидаи ин манзара шахсро ба таърихи на он қадар дур ва ҳузнангези даврони пас аз ҷанги шаҳрвандӣ мебаранд, ки бо саъю талош ва ҷоннисориҳои Президенти кишвар то охирин гурезаҳо аз қаламрави кишвари Афғонистон ба ватан баргардонида шуд. Ин маротиба бозгардонидани шаҳрвандони кишвар аз он давраҳо бо сабабҳо ва омилҳои ба худ хос ва ба кулли фарқ кунад ҳам, нақши сарвари кишвар дар ҳар ду ҳолат калидӣ аст.

Пешвои миллат дар бисёр мавридҳо дуруст қайд менамоянд, ки ягон кишвари дунё ҷойи ватани маҳбубамон – Тоҷикистони биҳиштосоро иваз карда наметавонад. Дар ҳақиқат шаҳрвандони Тоҷикистон танҳо дар ҳудуди кишвар ва зери ливои он худро озод ҳис намуда таҳти ҳимояи давлату Ҳукумати кишвар қарор доранд.

Аммо мутаассифона баъзе шаҳрвандони кишвар чанд сол қабл баҳри ба даст овардани сарвати муфт ба доми гуруҳҳои ифротӣ афтода якҷоя бо аҳли оилаи худ ба кишварҳои Ироқу Шом сафар намуда, дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи он иштирок намуданд. Аксарияти ин “фиребхӯрдагон” дар ин задухӯрдҳо ба ҳалокат расиданд ё ба асорат афтоданд, ки дар натиҷа аҳли оилаи онҳо дар ин кишварҳои ҷангзада ғарибу бесаробон ва сарсону саргардон монданд.

Албатта, аҳли оилаи онҳо дар ин қазия гунаҳгор нестанд ва ниёз ба дастгирию ба ватан баргардониданро доранд.

Ҳанӯз дар оғози ин мусибат ҷомеаи шаҳрвандӣ ва аҳли зиёи кишвар ба ин тоифаи фиребхӯрда муроҷиат карда буданд, ки иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳонаи кишварҳои Ироқу Шом бемаънӣ буда, ба манфиати халқу миллат нест ва ба ҷуз аз пайомадҳои нохуб чизе ба бор намеорад. Чунки тамоми адёни дунё новобаста аз маҳал, миллат, нажод, имону эътиқод ва мазҳаб қатли инсонро маҳкум менамоянд.

Зудбоварии баъзе ҷавонони кишвар ҳадафи гурӯҳҳои ифротӣ гашта ин "туъмаи муфт"-ро барои пиёдасозии мақсадҳои нопоки худ аз қабили даҳшатафканӣ ва қатлу куштори мардумӣ осоишта истифода бурданд. Ин раванди номатлуб ҷомеаи башариро нигарон намуда, барои гирифтани пеши роҳи ин бесарусомониҳо чораҳои муассир андешида шуд.

Беҳуда нагуфтаанд, ки:

Ҳар ки бо душманиии халқ равон аст чу баҳр,

Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хурад.

Дар натиҷа ҳар нафаре, ки дар ин даҳшатафканиҳо иштирок кард қурбони ин дасисаҳо гашта аҳли оилаи бо худ бурдааш овораю саргардон монд.

Аз ин рӯ, ҷавононро мебояд, ки зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи ваъдаҳои пучу беасоси гурӯҳҳои ифротӣ нагарданд ва барои пойдории якпорчаги кишвар, сулҳу ваҳдати миллӣ, оромии сиёсӣ ва амнияти кишвари худ саҳмгузор бошанд. Чунки гурӯҳҳои

ифротӣ ҳамеша бо номи нав, роҳу усулҳо ва воситаҳои нави ҷалбкунӣ зуҳур карда, мехоҳанд ҷавонони зудбовар, сустирода ва дар сар орзуҳои муфт сарватмандшавӣ доштаро ба доми худ афтонанд.

Бинобарин, ба шаҳрвандони кишвар махсусан, ба ҷавонони дар дохил ва хориҷи кишвар ба таҳсил ва ё ба таъмини ризқу рӯзии оилаи худ машғулбуда муроҷиат карда гуфтанием, ки ба ваъдаҳо ва макру фиреби гурӯҳҳои ифротӣ дода нашаванд, зирракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва панди ҳикматноки бузургон: «Нисфи нон – роҳати ҷон»-ро фаромӯш насозанд! Бояд доимо дар хотир дошт, ки панири муфт танҳо дар дом аст.

Нафурӯшед зи ночори яке виҷдонро,

Рӯзи кас гоҳ ба обу лаби нон мегузарад...

Ҷавонон нерӯи бузурги созанда буда ояндаи дурахшони ин ватани аҷдодӣ аз онҳо вобаста аст. Мо ба нерӯи созандаи ҷавонон эътимод дорем.

Табарзода О.С., Алимардонов Т.А.,

н.и.и., дотсентони кафедраи кибернетика

ва иқтисоди рақамии факултети

баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Дмт.